**ПРОТОКОЛИ №1**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-083 назди
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

аз «15» июли 2025 сол н. Кӯшониён

Ҳайати шурои диссертатсионӣ аз 9 нафар иборат мебошад.
Дар ҷаласа 7 нафар аъзои шуро иштирок доштанд.

***Раиси шурои диссертатсионӣ***: д.и.т., дотсент Абдураҳмонов А.Я.
***Раиси ҷаласа:*** д.и.т., дотсент Исозода Д.Т. – муовини раиси шуро.

***Иштирок доштанд***: д.и.т., дотсент Абдураҳмонов А.Я. – раиси шуро; д.и.т., дотсент Исозода Д.Т. – муовини раиси шуро; н.и.т., дотсент Махсумов И.Б. – котиби илмии шуро; н.и.т., дотсент Назиров Х.Б. – аъзои шуро; н.и.т. Гулов Д.Ю. – аъзои шуро; н.и.т., Давлатов А.М. – аъзои шуро; н.и.т., Амирхонов А.С. – аъзои шуро.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Баррасии ариза ва таъини комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ оид ба кори диссертсионии довталаб Холмирзозода Дустмухамад Нурулло дар мавзӯи: «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ пешниҳод гардидааст.

***Шунида шуд***:
**Махсумов И.Б.** - котиби илмии шурои диссертатсионӣ, аъзои шуроро бо ариза ва ҳуҷҷатҳои аз ҷониби довталаб Холмирзозода Д.Н. пешниҳодгардида шинос намуд.
**Исозода Д.Т.** - муовини раиси шурои диссертатсионӣ.

Мувофиқи боби 4 ва бандҳои 57 ва 60-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ «Қабули диссертатсия ва экспертизаи он», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), шурои диссертатсионии 6D.КОА-083 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ дар назди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2024, №427/ш.д. таъсис ёфтааст, вазифадор аст комиссияи экспертиро дар ҳайати се нафар барои гузаронидани экспертизаи кори диссертатсионӣ таъин намояд.

Номзадии се нафар аъзои комиссияи экспертӣ мувофиқ ба ихтисоси диссертатсияи пешниҳодшуда пешниҳод карда шуд: н.и.т. Амирхонов А.С. – раиси комиссия (аъзои шурои диссертатсионӣ); н.и.т., дотсент Назиров Х.Б. – аъзои комиссия (аъзои шурои диссертатсионӣ); н.и.т. Давлатов А.М. – аъзои комиссия (аъзои шурои диссертатсионӣ).

Комиссия барои гузаронидани экспертизаи пешакии кори диссертатсионии Холмирзозода Дустмухамад Нурулло таъин карда мешавад.

Мавзӯи кори диссертатсионӣ: «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», пешниҳодгардида ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ.

Кори диссертатсионӣ дар Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ҳамчунин муштарак дар кафедраи «Автоматонии ҳаракатоварҳои барқӣ» ва кафедраи «Неругоҳҳои барқӣ»-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қарор мекунад:**

1. Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ оид ба гузаронидани экспертизаи пешакии кори диссертатсионии Холмирзозода Дустмухамад Нурулло дар мавзӯи «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», пешниҳодгардида ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.02 – «Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ», дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- Амирхонов Алишер Сайвалиевич – номзади илмҳои техникӣ, аъзои шурои диссертатсионӣ – раиси комиссия;
- Назиров Хуршед Бобохоҷаевич – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, аъзои шурои диссертатсионӣ – аъзои комиссия;
- Давлатов Азамҷон Маҳмадиевич – номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи «Неругоҳҳои барқӣ»-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, аъзои шурои диссертатсионӣ – аъзои комиссия.

2. Комиссияи экспертӣ вазифадор карда мешавад, ки мувофиқати диссертатсияи Холмирзозода Дустмухамад Нуруллоро ба шиносномаи ихтисоси 05.14.02 – «Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ», инчунин дурустии дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаи довталабро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, хулосаи комиссияи экспертиро тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намуда, онро ба шурои диссертатсионӣ барои баррасии минбаъда пешниҳод намояд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

**Аъзои шуро 9 – нафар, иштирок дошт 7 нафар, тарафдор – 7 нафар, зид – нест, бетараф – нест.**

**Муовини раиси шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-083, д.и.т., дотсент** — **Исозода Д.Т.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-083, н.и.т., дотсент** — **Махсумов И.Б.**

*Имзои д.и.т., дотсент Исозода Д.Т.*
*ва н.и.т., дотсент Махсумов И.Б.-ро тасдиқ мекунам.*

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДЭТ** — **Каримов З.А.**

# ПРОТОКОЛИ №2

чаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-083 назди
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

аз «05» августи 2025 сол н. Кӯшониён

Ҳайати шурои диссертатсионӣ аз 9 нафар иборат мебошад.
Дар ҷаласа 7 нафар аъзои шуро иштирок доштанд.

***Раиси шурои диссертатсионӣ***: д.и.т., дотсент Абдураҳмонов А.Я.
***Раиси ҷаласа:*** д.и.т., дотсент Исозода Д.Т. – муовини раиси шуро.

***Иштирок доштанд***: д.и.т., дотсент Абдураҳмонов А.Я. – раиси шуро; д.и.т., дотсент Исозода Д.Т. – муовини раиси шуро; н.и.т., дотсент Махсумов И.Б. – котиби илмии шуро; н.и.т., дотсент Ҷалилов Р.А. – аъзои шуро; н.и.т., дотсент Назиров Х.Б. – аъзои шуро; н.и.т., Давлатов А.М. – аъзои шуро; н.и.т., Амирхонов А.С. – аъзои шуро.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Мавриди баррасӣ қарор додани натиҷаҳои экспертизаи пешакӣ, қабули диссертатсия ба ҳимоя, тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар оид ба кори диссертатсионии Холмирзозода Дустмухамад Нурулло дар мавзӯи: «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», пешниҳодгардида ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ. Роҳбари илмӣ д.и.т., дотсент Абдураҳмонов А.Я.

***Шунида шуд:*** **аъзои комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ**, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Назиров Хуршед Бобохоҷаевич. Мувофиқи банди 56-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва банди 57-60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, шурои диссертатсионии 6D.KOA-083 дар назди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон санаи 15 июли соли 2025 комиссияи экспертиро дар ҳайати зерин таъин намуд: раиси комиссия – номзади илмҳои техникӣ, аъзои шурои диссертатсионӣ Амирхонов Алишер Сайвалиевич; аъзоёни комиссия: номзади илмҳои техникӣ, дотсент, аъзои шурои диссертатсионӣ Назиров Хуршед Бобохоҷаевич ва номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи «Неругоҳҳои барқӣ»-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Давлатов Азамҷон Маҳмадиевич.

Комиссия барои гузаронидани экспертизаи пешакии диссертатсияи Холмирзозода Дустмухамад Нурулло дар мавзӯи: «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ пешниҳод шудааст таъин гардида буд. Сипас, аъзои комиссия аъзоёни шуроро бо муҳтавои хулосаи комиссияи экспертӣ шинос намуд.

Дар асоси аризаи довталаб, хулосаи кафедраи «Автоматонии ҳаракатоварҳои барқӣ» ва кафедраи «Неругоҳҳои барқӣ»-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, хулосаи комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида, мутобиқи банди 61-63-и Низомномаи шурои

диссертатсионӣ, шурои диссертатсионии 6D.КОА-083 назди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон.

**Қарор кард:**

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ оид ба мутобиқати диссертатсияи Холмирзозода Дустмухамад Нурулло дар мавзӯи «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ пешниҳод гардида, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионии 6D.КОА-083 мувофиқат мекунад, тасдиқ карда шавад;

2. Диссертатсияи Холмирзозода Дустмухамад Нуруллоро дар мавзӯи: «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ пешниҳод гардидааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

3. Муқарризони расмӣ дар ҳайъати зерин тасдиқ карда шаванд:

***Азизов Рустам Очилдиевич*** - доктори илмҳои техникӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

***Ғаниев Зокирҷон Султонович*** - номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи «Электроэнергетика»-и филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии «ДЭМ» дар ш. Душанбе.

4. Ба ҳайси муассисаи пешбар тасдиқ карда шавад «**Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон**», вилояти Суғд, шаҳри Бӯстон, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5. Рӯйхати ташкилотҳо ва шахсоне, ки ба онҳо автореферат фиристода мешавад, тасдиқ карда шавад;

6. Ба нашри эълон дар бораи ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

7. Таърихи ҳимояи диссертатсия 17-уми октябри соли 2025 муқаррар карда шавад;

8. Барои нашри автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
**Аъзои шуро 9 – нафар, иштирок дошт 7 нафар, тарафдор – 7 нафар, зид – нест, бетараф – нест.**

**Муовини раиси шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-083, д.и.т., дотсент** **Исозода Д.Т.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-083, н.и.т., дотсент** **Махсумов И.Б.**

*Имзои д.и.т., дотсент Исозода Д.Т.*
*ва н.и.т., дотсент Махсумов И.Б.-ро тасдиқ мекунам.*

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДЭТ** **Каримов З.А.**